ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, к. Шевченко, 69, Тел. (372) 221-18-35 , 221-41-08, Факс (372) 222-55-07

# ФАРМОИШ

аз «30» 09 с.2015 №832 ш. Душанбе

Оиди фарогирии бештари аҳолӣ
ба ташхиси вируси норасоии масунияти одам

Бо мақсади иҷрои банди 7 қарори мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2015 таҳти №8-6 дар доираи ҳадафҳои Стратегияи глобалии Барномаи вижаи Созмони Ммилали Муттаҳид оиди ВНМО/БПНМ бахри фарогирии бештари гурӯҳҳои махсуси осебпазири аҳолӣ ба ташхису машваратдиҳӣ ва амалисозии "Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015" мутобиқи банди 10-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ,

1. Ташхиси тестӣ ва машваратдиҳӣ оиди вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар байни гурӯҳҳои махсуси осебпазири аҳолӣ бо ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар самти мазкур дар ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд, иҷозат дода шавад.

2. Ба сардорони хадамотҳои назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (Ҳоҷамуродов Ғ.М., Назаров Х.К.) супориш дода шавад, ки вобаста ба муроҷиат имкониятҳои моддию техникӣ ва кадрии ташкилотҳои ҷамъиятиро баҳодиҳӣ намуда барои амалисозии чорабинии зикргардида ба онҳо тариқи барасмиятдарории соддагардонидашуда иҷозатномаи фаъолият диҳанд.

3. Ба ректори Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Муҳиддинов Н.Д.) супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО" аз рӯи муроҷиат бахри омӯзонидани кормандони тиббии ташкилотҳои ҷамъиятӣ нисбати машваратдиҳию тесткунонӣ чораҳои зарурӣро андешад.

4. Ба директори Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО" (С. Каримов) супориш дода шавад, ки нисбати ҷорӣ намудани системаи баҳисобгирӣ оид ба фарогирии гурӯҳҳои махсуси осебпазири аҳолӣ чораандешӣ намуда, ҳармоҳа тибқи шакли тасдиқшудаи №4 аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳисобот талаб намояд ва оид ба рафти фаъолияти тесткунонӣ ва машваратдиҳӣ чораҳои арзёбӣ ва баҳодиҳиро пурзӯр намояд.

5. Ба инобат гирифта шавад, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташхиси тестӣ ва машваратдиҳиро аз ҳисоби маблағҳои худӣ, грантҳои бадастовардашуда ва дар оянда аз маблағҳои Фонди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният иҷро менамоянд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Ҷафаров Н.Ҷ. гузошта шавад.

Вазир Н. Салимзода

БАРОИ ФАРМОНҲО ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ